# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «01» 12 соли 2025 № 440/уи ш. Душанбе

Дар бораи додани унвони илмии профессор

Мутобиқи сархати ҳаждаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 ва бандҳои 2, 4, 5, сархати якуми банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дарёфти унвони илмӣ тибқи рӯйхат (ду нафар) шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор дода шавад (рӯйхат замима мегардад).

2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Мастонаи Сайдалӣ) шаҳодатномаҳои намунаи давлатии унвони илмиро барасмият дарорад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Мавзуна Каримзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмӣ Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2025, №12

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» 12 соли 2025, №440/уи

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии профессор, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмӣ дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаб | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии профессор ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Аминов Иномҷон | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; профессор аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт» |
| 2. | Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; профессор аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт» |